## ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Худойназаров Меҳрочиддин Ашӯрович "Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Муҳимияти мавзӯи интихобнамудаи Худойназаров Меҳрочиддин Ашӯрович бо он муайян карда мешавад, ки дар замони муосир таваҷҷуҳ ба масъалаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон тасодуфӣ нест. Масъалаи моҳияти инсонро бидуни таҳлили накши ҷаҳонбинии илмӣ дар сохтори шахсият, мавқеи инсони дорои ҷаҳонбинии илмӣ дар ҳамбастагии мураккаби тамоми унсурҳои моддиву маънавии ҳаёти миллӣ муайян кардан ғайриимкон аст. Ҳар яке аз сифату ҷиҳатҳои типии инсон ҳамчун субъекти ҷамъиятӣ, аз он ҷумла, хусусиятҳои ҷаҳонбинии илмии ӯ бояд аз нигоҳи робитаҳои серпахлӯи он бо ҷомеа, миллат, дар алоқамандӣ бо амалияи гуногунҷанбаи таърихӣ, ки ба дигаргунсозии мутараққии шаклҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва миллӣ равона шудааст, таҳлил гарданд.

Бояд кайд намуд, ки таблиғи арзишҳои илмии халқи тоҷик дар байни ҷавонон ҷиҳати ташаккули ҷаҳонбинии илмии ӯ аз таваҷҷуҳи хосаи Пешвои муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад. Унсурҳои таркибии ташаккули ҷаҳонбинии илмии шахсият, ки дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, барои бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон хеле заруранд.

Дар диссертатсия мақсад, объект, предмети таҳқиқот ва фарзияи он дуруст муайян карда шуда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ вазифаҳои муҳими таҳқиқотӣ, ба монанди ошкор намудани шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар

ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон; коркард ва тариқи таҷриба санҷидани амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон; таҳия ва коркарди таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон; озмоиши санҷишӣ ва таҷрибавии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ва таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон гузошта шудаанд.

**Мухтавои асосии таҳқиқот барои ҳимоя** муқаррароти зеринро фаро мегирад:

1. Маҷмӯънокӣ ва бисёрҷабҳагии мафҳуми «ҷаҳонбинии илмӣ», такмили муайянсозӣ, ки ҳисоби муайяни тавсифи раванди таълиму тарбияи бисёралоқаманду ҷудонашаванда талабро дорад.

2. Амсилаи педагогии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим чун яке аз усулҳои самараноки ташаккули шахсият, кадоме, ки чун усули мустақили илми педагогика дар баландбардории сифати таълиму тарбия, мақоми муҳимро ишғол мекунад.

3. Шартҳои педагогӣ, таъмини методиву натиҷаҳои азхудкунии технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон базаи самаранокро барои таҳқиқоти минбаъда нисбатан боз ҳам васеътар омӯхтани масъалаи мазкур фароҳам меорад.

**Муътамадӣ ва асоснокии** натиҷаҳои илмӣ бо таҳлилҳои методологии масъалаи таҳқиқшаванда, истифодаи сохтори усул, ки мутобиқи вазифаҳои таҳқиқот аст, предмети он, ваколатнокии_интихоби объекти таҷриба, баҳодиҳии мунтазами натиҷаҳои ҳосилшуда дар ҷараёни гузаронидани таҷриба бо таҳлили теъдодиву сифатии он ва истифодаи усулҳои илмӣ, тасдиқи фарзияҳои таҷриба, таҷрибаи педагогии муаллиф дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи таълими фанҳо, ки ба раванди коркарди маълумотҳо нигаронида шудааст, таъмин гардидааст.

Ҳамчун роҳбари илмӣ мехостам андар шахсияти муҳаққиқ чанд сухан гуфта бошам. Пеш аз ҳама, мехостам қайд намоям, ки

Худойназаров М.А. собиқаи 9-солаи фаъолият ба ҳайси омӯзгори донишкадаро дошта, дар соҳаи таҳқиқоти илми пайваста кору фаъолият мебарад.

Дар давраи фаъолияти унвонҷӯӣ Худойназаров Меҳроҷиддин Ашӯрович беҳтарин хусусиятҳои таткиқгарро зоҳир намуда, имтиҳонҳои номзадиашро бомуваффақият супоридааст. Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии рисолаи илмиро инъикос мекунанд.

Матлабҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқот дар 8 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла 3 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Унвонҷӯ Худойназаров Меҳроҷиддин Ашӯрович дар конфронсҳои илмиву ҳамоишҳои байналмиллаливу ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ фаъолона ширкат варзида, бо маърӯзаҳои пурмӯҳтавои хеш баромадҳо намудааст. Дар фаъолияти илмиву ҷамъиятии факултет ва донишгоҳ фаъолона ширкат меварзад. Омӯзгори соҳибтаҷриба ва тадқиқгари фаъол ба шумор рафта, байни ҷомеаи ҳамкорон ва донишҷӯён сазовори обрӯю эътибор мебошад.

Доираи шавқу ҳаваси илмии Худойназаров Меҳроҷиддин Ашӯрович бо фаъолияти омӯзгориаш зич алоқаманд мебошад. Солҳои охир муҳаққиқ доир ба муаммои камтаҳқиқгардидаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқоти арзишманди илмиро анҷом додааст.

Дар давраи омодасозии рисолаи номзадӣ Худойназаров Меҳроҷиддин Ашӯрович теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ ва психологиро оид ба мавзӯи таҳқиқотӣ омӯхтаву таҳлил намуда, бовиҷдонӣ, суботкорӣ, иродаи қавӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятро нишон додааст.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои муаллифи рисола аз мундариҷаи умумии рисолаи илмӣ бармеоянд. Автореферат мундариҷаи умумии рисоларо инъикос мекунад.

Диссертатсияи Худойназаров Меҳроҷиддин Ашӯрович “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ба талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда» аз 30 июни соли 2021, № 267 муқаррар гардидааст, пурра мувофиқ мекунад ва ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маълумот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров” Шаропов Шавкат Ахмадович

24.08. 2021с.

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков- 1
тел.(+992)927717870. Элек. почта: Sharofzod54@mail..ru веб. сайт: www.hgu.tj

Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Ашрапова З.Н.